ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ва номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02 апрели соли 2026 № 7-1

Барои сазовор донистани Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия).

Диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи *«Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим»*, аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) ба ҳимоя 08.01.2026 с. қабул карда шуд, суратҷаласаи №1-2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо нишонаи 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Бофанда 5/2 (фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №192/шд аз 01.07.2022).

Довталаби дараҷаи илмӣ Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич 4 марти соли 1994 дар ноҳияи Данғараи Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич соли 2012 ба факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси «Истифодабарии оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ» дохил шуда, онро соли 2016 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда соли 2016 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси “Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот” дохил шуда, соли 2018 зинаи мазкурро бо ихтисоси техника ва технология хатм намудааст.

Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич бо фармоиши ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ №761- 3/4 аз 11.09.2021с. ба ҳайси докторанти PhD-и факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи зикргардида аз рӯйи ихтисоси 6D-075200 – “Низом ва шабакаҳои муҳандисӣ (обтаъминкунӣ)” қабул гардида ва онро соли 2024 хатм намудааст.

Дар айни ҳол Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар вазифаи мудири кафедраи муҳандисӣ ва энергетикаи факултети муҳандисӣ ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи «Системаҳои таъмини об, газу гармӣ ва ҳавотозакунӣ»-и факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

- доктори илмҳои техникӣ, дотсент, **Амирзода Ориф Ҳамид**, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмӣ.

Муқарризони расмӣ:

- **Муҳаббатов Холназар,** доктори илмҳои география, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, факултаи география, кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм», профессори кафедра;
- **Наврузшоев Ҳофиз Довутшоевич,** номзади илмҳои техникӣ, Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», шуъбаи экспедитсионӣ ва корҳои саҳроӣ, ходими пешбари илмӣ.

Муқарризони расмии зикргардида ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа, профессори кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия Юнусов М.М., эксперт ва омодакунандаи лоиҳаи тақриз, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ҳоҷиён М.Қ. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ҳоҷибоев Д.Д. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, д.и.и., профессор Маҳмадалӣ Б.Н. тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи *«Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим»* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 с. тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дорои 17 корҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА назди Президенти ҶТ; 9 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; 4 мақола дар дигар маҷаллаҳо; муаллиф дорои 1 нахустпатенти ҶТ ва 3 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои зерин ба нашр расидаанд:

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои, аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тавсияшуда:

1. **Муҳибуллоев Н.М.** Таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба реҷаи гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон / Муҳибуллоев Н.М. Амирзода О.Ҳ. Ҳакимов Г.К. // Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 2022. №3 (50). -С. 78-87.

2. **Муҳибуллоев Н.М.** Хусусиятҳои ташаккулёбии маҷрои минималӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон / Муҳибуллоев Н.М. // Маҷаллаи илмии "Захираҳои об, энегетика ва экология"-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2023. Том 3 (№3). -С. 67-73.

3. **Муҳибуллоев Н.М.** Прогноз водности реки Кафирниган с использованием данных дистанционного зондирования/ Амирзода О.Ҳ. Ниязов Д.Б. Муҳибуллоев Н.М. // Маҷаллаи илмии "Захираҳои об, энегетика ва экология"-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2024. Том 4 (№2). -С. 13-22.

4. **Муҳибуллоев Н.М.** Арзёбии тағйирёбии миёнабисёрсолаи боришот бо усули омори математикӣ дар асоси маълумотҳои пойгоҳи гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон / Муҳибуллоев Н.М., Шарифзода Ш., Саидов Ш., Амирзода О.Ҳ. // Маҷаллаи илмии "Захираҳои об, энегетика ва экология"-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2024. Том 4 (№3). -С. 30-37.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақризи мусбат ворид шуд:

1. Аз саромӯзгор-дотсенти кафедраи физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, номзади илмҳои техникӣ Ализода А.А. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- зарурати амсиласозии математикии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст;

- бартариятҳои амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст;

- дар матни автореферат ба баъзе камбудиҳои имлоӣ роҳ дода шудааст.

2. Аз номзади илмҳои техник, муовини ректор оид ба илм, инноватсия ва равобити хориҷӣ Ш.Қ. Обидҷони. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- тавсияҳо вобаста ба ИЗҲО дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба таври мушаххас нишон дода нашудааст;

- бартариятҳои амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст.

3. Аз доктори илмҳои география (DSc), дотсент, мудири кафедраи гидрологияи хушкӣ ва метеорологияи Донишгоҳи миллии Узбекистон ба номи Мирзо Улуғбек К.Р. Рахмонов. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- в автореферате сравнительный анализ источников водоснабжения города Душанбе по гидрохимическим характеристикам и показателям качества воды раскрыт в обобщенной форме. Более детализированное сопоставление региональных особенностей химического состава воды позволило бы усилить прикладной компонент исследования;

- кроме того, рекомендации по рациональному использованию водных ресурсов могли бы быть дополнены более конкретизированными мерами мерами по снижению потерь воды в системах водоснабжения

города Душанбе, включая инженерно-технические и организационные решения.

4. Аз доктори илмҳои география, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров Раҳимов А.И. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- дар автореферати диссертатсияи тавсифи муфассалтари усулҳои таҳлилӣ, ки барои арзёбии беҳтари мувофиқати онҳо бо ҳадафҳои эълоншудаи кор истифода мешаванд, қадр карда мешуд;

- хулосаҳо пешниҳодшуда сазовори тавзеҳот мебошанд – масалан, кадом тавсияҳои мушаххас барои беҳтар кардани ҳолати манбаъҳои гидрологӣ пешниҳод шудаанд?

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- муқаррар карда шудааст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои омории тамоюли тағйирёбии маҷрои дарё, барои даврахои интихобшуда, бе дарназардошти даврияти маҷро, самти бисёрсолаи маҷрои дарёро тавсиф намекунад;

- муқаррар карда шуд, ки таъсири бештари тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои дахолати фаъоли инсон ба экосистемаи обӣ мушоҳида мегардад, аз ҷумла: равандҳои шаҳрикунонӣ, ба гардиши хоҷагидорӣ даровардани заминҳо, сохтмони иншооти гидротехникӣ ва ғайраҳо;

- пешниҳод карда мешавад, ки омӯзиши маҷрои минималӣ барои тавсифи боэтимоди даврахои шадид (экстремумҳо) аз рӯйи маълумоти мушоҳидавӣ нокифоя мебошад. Вобаста ба ин, тавсия мегардад, ки таҷдиди қатораи маълумот бо мақсади ба даст овардани маълумоти дарозмуддати мушоҳидавӣ пайваста гузаронида шаванд;

- пешниҳод карда мешавад, ки дар оянда амсилаи математикии даврияти боришот вобаста аз солҳои боришотро бо дарназардошти ҳолатҳои тасодуфии ин раванд мавриди таҳқиқ қарор додан зарур аст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз нуқтаҳои зерин иборатанд:

1. Дастовардҳои назариявии кори диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста аз шароитҳои иқлимӣ барои банақшагирии истифодабарии захираҳои об ба таври самаранок истифода карда шавад.

2. Методология ва таҳияи амсилаҳои математикӣ имкон медиҳанд, ки раванди даврияти гидрологӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун дараҷаи обнокии ҳавзаи дарёи Кофарниҳонро пешгӯи намояд.

3. Хусусиятҳои даврияти гидрологӣ, натиҷаҳои арзёбии тағйирот, ничунин хусусиятҳои ташаккули захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва пешгӯии обнокии он имкон медиҳад, ки барои таҳияи нақшаи идоракунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об заминаи илмӣ ба вуҷуд оварда шавад.

4. Муқаррароти назариявӣ, амсиласозии математикӣ дар кори диссертатсионӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои он дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар истифода ва коркарди ҳаҷми зиёди маълумоти аввалияи гидрометеорологии Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; истифодаи амсиласозии математикӣ, ҳалли ададӣ ва технологияҳои НИГ; муқоисаи натиҷаҳои амсилаҳо бо мушоҳидаҳои саҳроии аз ҷониби муассисаҳо ва олимони соҳавӣ, инчунин истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот инъикос меёбанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз интихоби объекти таҳқиқот, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, коркарди маълумотҳои оморӣ ва натиҷаҳои корҳои саҳроӣ иборат буда, хулосаҳои илмӣ дар якҷоягӣ бо роҳбарони илмӣ таҳия шудаанд. Ҳамзамон якчанд тавсияҳои илман асоснок аз ҷониби муаллиф пешниҳод шуда, дар якҷоягӣ бо роҳбарони илмӣ ба танзим дароварда шудаанд. Нашри натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли мақолаҳо дар ҳаммуаллифӣ ва яккамуаллифӣ анҷом дода шудааст.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда асоснок мебошанд, мундариҷаи кори илмиро объективона инъикос мекунанд ва бо миқдори зиёди маълумотҳои таҷрибавӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, ки шахсан муаллиф ба даст овардааст ва таҳлили муфассал шудааст, мавҷуд мебошанд.

Дар маҷлиси 2 апрели соли 2026 шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 қарори сазовор донистани Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар ва номзади илм 1 нафар аз рӯи ихтисоси рисолаи дифоъшаванда 6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия, ки дар вохӯрӣ аз - 11 шахсоне, ки аъзои шуро мебошанд, овоз доданд: "ҷонибдор" - 11, "зид" - нест , "бюллетенҳои беэътибор" - нест .

Раиси
шурои диссертатсионӣ **Гулаҳмадзода А.А.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ **Шаймурадов Ф.И.**

2 апрели соли 2026